# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович ба диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод шудааст.**

Вожашиносии забони тоҷикӣ яке аз самтҳои муҳимтарини забоншиносии тоҷик аст, ки сарвати бебаҳои маънавии моро дар давоми беш аз ҳазор соли фарҳанги эҷоди хаттӣ дар шакли баррасии сохтору мазмуни калимаҳои таркиби луғавии забон мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар ин соҳа дар солҳои охир даҳҳо рисолаҳо ва диссертатсияҳои докторӣ аз қабили таҳқиқоти М.Шукуров, Ш.Рустамов, М.Н.Қосимова, Н.Маъсумӣ, Б.Камолиддинов, Ҳ.Маҷидов, Д.Саймиддинов, С.Назарзода, О.Ҳ. Қосимов, М.Б.Султонов, А.Ҳасанов, Т.Шокиров, М. Саломиён, Ж.Б. Гулназарова, Ш.И.Хаитова, Н.Ғиёсов, Н.Офаридаев, Д.Ҳомидов, Ҷ.Алимӣ, Ҳ.Мирзоев ва дигаронро ном бурдан мумкин аст, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни лексика ва лексикологияи забони тоҷикӣ аз давраҳои бостон то ба имрӯз мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин радиф диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна бо номи “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон” яке аз пажӯҳишҳои ҷолиб буда, мавқеи муҳиммеро дар омӯзишу муаррифии сарвати нотакрори забони тоҷикӣ соҳиб гаштааст.

Муаллифи диссертатсия дар умум се самти асосии вожашиносии асари нодири ҷуғрофии асри XII –XIII - «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммад ибни

Наҷиби Бакронро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Вожаҳои ин асари муҳим дар диссертатсияи Қодирова Ф.Р. аз нигоҳи мансубият ба забон (калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ), муносибати байниҳамии калимаҳо (муродифот, вожаҳои сермаъно, ҳамшакл, зидмаъно) ва вижагиҳои ономастика - корбурди номвожаҳо (антропонимҳо, этнонимҳо, топонимҳо) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Диссертатсияи Қодирова Ф.Р. аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти илмӣ иборат буда, ба иҷрои ҳадафҳои муайяншудаи таҳқиқ замина ёфтааст.

Навгонии диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои луғавӣ-маъноии асари нодири ҷуғрофиии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон то имрӯз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифта буд ва ин ибтикори унвонҷӯй Қодирова Ф.Р. сазовори дастгирист.Ҳамзамон бо вижагиҳои лексикиву маъноӣ муаллифи диссертатсия ба тарзи ифода ва дараҷаи истифодаи калимаҳои мавриди таваҷҷуҳ дар замони муаллиф низ эътибор додааст.

Дар қисми даромади диссертатсия масъалаҳои маъмулии дастгоҳи илмии пажӯҳиш, аз он ҷумла муҳиммияти мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳо, усули пажӯҳиш, заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи, аҳамияти назариявию амалии он, муқарраротӣ асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, шавандаро дуруст ва пурмазмун баён карда, роҷеъ ба навгониҳои он, заминаҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ маълумоти зарурӣ пешниҳод кардааст.

Дар боби якуми рисола таҳти унвони “Гурӯҳбандии лексикаи «Ҷаҳоннома»” (с.22-54) унвонҷӯй вожаҳои асари “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон”- ро ба аслӣ ва иқтибосӣ тасниф карда, бароmadи онҳоро дар заминаи маълумоти фарҳангҳои

муътабар муайян кардааст ва ба хулосае омадааст, ки қисмати асосии таркиби луғавии ин китобро вожаҳои аслии тоҷикӣ ташкил додаанд.

Муаллиф зимни баррасии амиқ ин гурӯҳи вожаҳоро аз рӯйи хусусиятҳои маънокияшон ба 12 зергурӯҳ тақсим намудааст: 1) калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми марбут ба инсон, яъне исми шахс: *кас, доя, зан, мард, душман,пиразан, подшоҳ, зангиён, пайғамбар ва г.; 2)* номи ҳайвонот, паррандагон ва хазандаҳо: *асб гов, гавазн, гурба, моҳӣ, мург, кирм, пил, шутур, каждум, мор, наҳанг, саг, асб, гов, оҳу, гӯрхар, аждаҳо, гург, шер, шутурмӯр ва г.; 3)*калимаҳои соматикӣ: *даст, сар, рӯ, чашм, абрӯ, дандон, забон, ангушт, пой , дил, сина, тан, устухон; 4) номи* касбу ҳунар, машғулият ва унвонҳо: *бозаргон, нигаҳбон, заргар, оҳангар, рӯйгар, дузд, роҳзан, подшоҳ ва г.; 5)*номҳои либосворӣ ва таҷҳизоти ороишӣ: *ҷома, ангуштарӣ, ангуштбона, гавҳар, ложвард, пирӯза; 6)*калимаҳои ифодакунандаи макон ва минтақаҳои гуногун: *бӯстон, бун (таг, зер), дара (водии танг), дарё, дашт, биёбон, деҳа, бозор, хона, кӯҳ, русто, чоҳ, обдон;7)*калимаҳои ифодакунандаи мавҷудот ва падидаҳои табиӣ: *осмон, офтоб, моҳ, бод, тӯфон, барф, борон, об, оташ, дуд, хок, гил, рег, санг, замин; 8)* калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои миқдор, масоҳат, вақт ва фаслҳои сол: *як, ду, даҳ, бист, дувист, газ (воҳиди андозагирӣ), фарсанг, баҳор, тобистон, зимистон, шаб, рӯз, сол; 9) вожаҳои* марбут ба меъморӣ ва сохтмон: *гунбад, сутун, девор, хона; 10)* калимаҳои соҳаи кишоварзӣ: *анор, себ, хурмо, турунҷ, гул, гиёҳ, дору, равған; 11)* номи моддаҳои кимиёвӣ вафилизоти қиматбаҳо: *сурб, зар, нуқра, оҳан, навшодир;12)* номи ашё ва олоти гуногун: *гилем, яшм, нардбон, корд, табар, куланг, киштӣ, пашм* ва ғ.

Ҷолиб ин аст, ки баъди 800 сол ҳам қисми зиёди вожаҳои мазкур бо ҳамон шаклу маънои пешина дар забони адабии муосири тоҷик мавриди истифода қарор доранд, танҳо миқдори ночизи онҳо имрӯз аз доираи

истеъмол берун мондаанд ё камистеъмолу архаистӣ гаштаанду ваҷҳи омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар фасли дуюми боби якум бо номи “Калимаҳои иқтибосӣ” мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ ва калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои дигар дар низоми вожаҳои асари мазкур аз тарафи муаллифи диссертатсия баррасӣ гардидааст.

Бо такя ба мавқеи олимони маъруф унвонҷӯй изҳор мекунад, ки оғози таъсири забони арабӣ ва роҳ ѐфтани вомвожаҳои арабӣ ба таркиби забони тоҷикии форсӣ ҳатто як қарн пас аз омадани арабҳо ба минтақаҳои форсизабон сурат гирифтааст.

Унвонҷӯ дар ин фасл вожаҳои арабии «Ҷаҳонннома»-и Муҳаммади Бакронро, ки аз нигоҳи шумора баъди калимаҳои аслан тоҷикӣ қарор доранд, ба 10 гурӯҳи маъноӣ ҷудо кардааст ва ин вожаҳо бо серистеъмолии худ дар ин асар фарқ мекунанд. Ба ин категорияи вожаҳо воҳидҳои луғавии *баъд, вақт, ғуруб, давр, тулӯъ, замон, баҳр, ватан, давлат, дунѐ, заҳр (ақиб), мавзеъ, мамлакат, олам, ҷазира*, *аввал, адад, дараҷа, қадар, ҳаҷм*, *асҳоб, ғулом, маллоҳ, малик, табиб, қавм, омма, раъият, ҷамоат, халқ/халоиқ, шахс, шаҳид, аҳвол, қувват, азиз, сабр, зикр хидмат, китоб,шеър, рисолат, маҷмӯъ, нафақа, ғалаба, илм, маънӣ, нафс, сабаб* ва ғ. (дис., с.44).

Хулосаи муаллифи дисертатсия аз он ниго⍰ ⍰олиб аст, ки қисми зиёди ин калимаҳо то ба имрӯз нақш ваҳамияти худро гум накардаанд ва баробари калимаҳои аслан тоҷикӣ вазифаҳои муҳимеро дар муоширaт анҷом медиҳанд.

Гурӯҳи дуюми калимаҳои ариабиро ба андешаи унвонҷӯй калимаҳои каистеъмол ташкил медиҳанд, ки намунаи онҳо вожаҳои зеринанд: *аъмол, буҳайра (кӯл), валуъ (ҳарис, озманд), қарҳа (захм, реш, ҷароҳат)*, *килла (рӯпӯш, соябон; хайма задан) қилода (гарданбанд),*

*масобат* (андоза, дарачa), *мулаввас (олуда ба чирк), мусаввар (тасвиршуда) , мустағнӣ (беэҳтиёҷ, бениёз), мутавотир (паҳн, васеъшавии сатҳи об), тасҳиф (хато хондан)*, *салҷ (барф)*, *рутаб (хурмо), фурза (бандар, ҷойи даромади киштӣ)*, *шодурвон (саропарда, хайма)* ва ғ. (дисс., с. 46)

Калимаҳои дигари иқтибосӣ аз забонҳои юнонӣ, румӣ, ҳиндӣ ва туркӣ буда, вобаста ба контекст аз тарафи Бакрон ба кор рафтаанд. Мулоҳизаҳои унвонҷӯй дар ин маврид ҷолиб аст. Масалан, ӯ калимаҳои *иқлим* , *уқёнус*, *алмос*, *марҷон*, *мис* , *ёқут*, *марворид* , *зумуррад, булӯр* ва ғайраро таҳлил карда, юнонӣ будани онҳоро ишора мекунад, гарчанде дар бораи калимаҳои *марворид, зумуррад, марҷон* андешаҳои дигар низ мавҷуд ҳастанд.

Муаллифи диссертатсия дар пажӯҳиши хеш доир ба калимаҳои иқтибосӣ сайрҳои таърихии ҷолибе анҷом додааст. Масалан, дар бораи вожаи *марҷон* ӯ чунин мегӯяд:

*Марҷон* – «асбоби зинату ороиш», шакли тағйирёфтаи вожаи юнонии margaritêsмебошад, ки аввал ба margélion, баъд дар забони оромӣ шакли margalitâ ва marganitâ гирифта, сипас аз он шакли арабии margân ба вуҷуд омадааст[214, ҷ.4, 1981], ки то ба имрӯз мустаъмал мебошад. Дар асари мавридитаҳлили мо низ ин вожа 2 маротиба омадааст: Марҷон. Ин ҳам аз ҷинсиҷавоҳир нест, аз ҷинси набот аст ва ӯро «*буссад*» хонанд [3, 83]. Ҷоиз ба қайд аст, ки воқеияти ин тафсири Бакронро мо дар китобҳои дигар низ мушоҳида намудем: *Марҷон* калимаи мухаффафи арабӣ аз луғати суриёнӣ (marganitâ) аст, ки маънии нахустини он марворид буда, баъдан ба *буссад* итлоқ гардидааст [214, ҷ.4, 1981]. Аддо Шер дар баробари эҳтимоли форсӣ будани ин вожа, боз тахмин мекунад, ки шояд оромӣ ҳам бошад [226, 144] (дисс., с. 50).

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ таҳти унвони «Категорияҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома» (с.55-99) унвонҷӯй хусусиятҳои маъноии калимаҳои таркиби асарро пажӯҳиш кардааст.

Тибқи мушоҳидаҳои унвонҷӯй, муаллифи «Ҷаҳоннома» дар истифодаи калимаҳои сермаъно, калимаҳои ҳамшакл, калимаҳои ҳаммаъно ва калимаҳои зидмаъно маҳорату салиқаи хуби вожадониро ба кор бурда, гурӯҳҳои маъноии калимаҳоро барои ҳадафҳои таълифии худ муассир истифода бурдааст.

Унвонҷӯ андешаҳои дар мавриди калимаҳои сермаъно баёншудаи олимони забоншиносро таҳлили карда, ба хулосае меояд, ки ба маъноҳои гуногун истифода гаштани як калима яке аз вижагиҳои услуби баён дар асари «Ҷаҳоннома»-и Бакрон аст ва ҳар як паҳлӯи маъноии калимаи сермаъно мавриди истеъмоли худро дорад. Масалан, вожаи *сар* аз, ки аз серистеъмолтарин воҳидҳои сермаъноси забони тоҷикӣ аст, дар таркиби «Ҷаҳоннома» зиѐда аз 40 маротиба барои ифодаи маъноҳои гуногун истифода шудааст.

Дар мавриди калимаҳои ҳамшакл низ муаллиф маводи зиёд ҷамъ оварда, онҳоро ба омонимҳои лексикӣ, омонимҳои лексикиву морфологӣ, омонимҳои ономастикӣ ҷудо кардааст ва андешаҳои худро бо мисолҳо собит намудааст.

Дар фасли бахшида ба калимаҳои ҳаммаъно унвонҷӯ вижагиҳои услубии баёни муаллифи «Ҷаҳоннома»-ро дар истифодаи муродифот баррасӣ ва тавсиф намудааст.

Дар "Ҷаҳоннома", ки асари ҷуғрофии асри XIII мебошад, Муҳаммади Бакрон барои баёни ин ё он мафҳум муродифҳои гуногунро корбаст кардааст, ки сазовори таҳсин аст. Масалан, дар васфи кӯҳ чун объекти ҷуғрофӣ бо мақсади ҷолибияту муассирии сухан аз муродифоти *азим, бузург; баланд; дароз, тӯлонӣ* ва ғ. дар таркиби ибораву ҷумлаҳои

гуногуншакл истифода бурдааст, ки ҳам калимаҳо ва ҳам ифодаҳо ҳаммаъно ва муродиф гаштаанд: *кӯҳе азим аст, кӯҳе бузург бошад, кӯҳе азим баланд аст, азим баландкӯҳе бошад, кӯҳе аст баланд, кӯҳе аст бузург ва баланд, ва он кӯҳе саъб баланд аст, кӯҳи баланду маҳкам, ва ин кӯҳе бузург асту тӯлонӣ, ва он кӯҳе азим асту дароз, ва он кӯҳҳо маскун асту маъмур* (дисс., с.83).

Дар фасли калимаҳои зидмаъно муаллифи диссертатсия дуруст ва бамаврид қайд мекунад, ки дар забони «Ҷаҳоннома» ба воситаи антонимҳо маънии мавриди назар дақиқтару равшантар инъикос ёфтааст.

Унвонҷӯ зимни баррасии антонимҳо таъкид мекунад, ки корбурди ин гурӯҳи калимаҳо дар ҳама маврид, аз он ҷумла, дар зикри номи мавзеъ ва ашё ба мушоҳида мерасад. Онҳо бештар барои мушаххас намудани маълумоти гуногун истифода гаштаанд: *хурд – бузург, зиѐдат – нуқсон, манфиат – мазаррат,бисѐр – кам, обод – хароб, сармо – гармо, сардсер – гармсер, ширин – турш,наҷд/боло – ғавр/нишеб, рӯз – шаб, васеъ – танг, рутубат – хушкӣ, дарун – берун, дур – наздик, дароз/тӯлонӣ/тафсил – кӯтоҳ/мухтасар/иҷмол, бисѐр/зиѐд – кам/андак, ҷуфт – тоқ, ширин – талх, нек – ганда, торик – равшан, аввал – охир, пӯшида – кушода, танҳо – ҷамъ, сабо – дабур, рост – чап, баланд – паст, мабдаъ – ниҳоят,* ибтидо – ниҳоят, камтар – бештар, дар ҷиҳати ҷануб – дар ҷиҳати шимол: Ва тӯли ин халиҷ аз ҳадди машриқ, ки *ибтидои* ӯст, то Қулзуму Барбар ва Ҳабаша, ки *ниҳояти* ӯст, маблағ ду ҳазору шашсад фарсанг бошад ва арзи ӯ мухталиф бувад (дис., с. 96).

Боби сеюми рисола бо номи «Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор» (с.100-165) ба масъалаҳои номвожаҳо ва маҳорати эҷоду истифодаи онҳо аз тарафи Муҳаммади Бакрон дар «Ҷаҳоннома» бахшида шудааст ва дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқ корбурди

номвожаҳои гурӯҳи антропонимҳо, этнонимҳо ва топонимҳо қарор гирифтааст.

Ба андешаи муҳаққиқ ономастика чун ваҷҳи муҳими забоншиносӣ дар корбурди номи мавзеъҳо ва ашхос дар таркиби луғавии “Ҷаҳоннома” мавқеи назаррас ва барҷастаеро соҳиб аст. Дар истифодаи антропоним ва этнонимҳо ба услуби баёни Муҳаммади Бакрон дар «Ҷаҳоннома» таъсири осори адабиёти классикии тоҷику форс равшан ба мушоҳида мерасад, ки дар онҳо қаҳрамонони устуравӣ ва динӣ, номи бузургони илму адаб, шахсиятҳои таърихӣ бештар дучор меоянд.

Масалан, унвонҷӯ антропонимҳоро дар таркиби «Ҷаҳоннома» мутолиа намуда, онҳоро ба 5 гурӯҳ ҷудо менамояд ва дар мавриди ҳар номе маълумоти ҷолиб ва шавқоваре пешниҳод месозад. Бо ин шева антропонимҳое аз қабили Искандар – Александр - Aléxandros, Анушервон, *Маъмун*, *Меҳроҷ*, *Санҷар ибни Маликшоҳ*, *Хусрави Парвиз*, *Ҷолут*, *Кисро, Носири Хусрав*, *Бӯрайҳони Берунӣ*, *Муҳаммад ибни Баҳр ар-Руҳнӣ*, *Имом Шарафуддини Тӯсӣ*, *Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Хурдодбеҳ*, *Муҳаммад ибни МӯсоиМунаҷҷим, Одам*, *Нӯҳ*, *Мӯсо*, *Довуд*, *Сулаймон*, *Муҳаммад*, *Умар* ва ғ.(дис., 110-115).

Ҳамин гуна таваҷҷуҳ аз тарафи унвонҷӯй ба этнонимҳо (номи миллат, қавм, қабила ва авлод) зоҳир гаштааст, ки намунаи онҳо калимаҳои зеринанд: *сомониён*, *манқишлоғ*, *язир*, *порс*, *рум* [155], *рус* [165].

Дар фаслҳои дигари боби сеюм муаллифи диссертатсия топонимҳоро аз рӯйи миқёс ва мавқеъ ба *макротопоним* (номи кишвар, вилоят, шаҳр, биёбон ва ғ.) ва *микротопоним* (дашт, чарогоҳ, марғзор ва ғайра) ҷудо намудааст. Илова ба ин унвонҷӯй ин гурӯҳи калимаҳоро боз ҳам амиқтар баррасӣ намуда, онҳоро дар робита ба объекти номгузорӣ ба оронимҳо, спелеонимҳо, гидронимҳо, ойконимҳо (полинимҳо, комонимҳо, урбанонимҳо, экклезионимҳо), прагмонимҳо, фитонимҳо ва

зоонимҳо ҷудо мекунад ва муайян месозад, ки дар «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон номи зиёда аз 350 мавзеъ, ва дар умум, беш аз 800 оним мавриди истифода қарор гирифтааст ва ин ҳамаро маводи фаровоне барои пажӯҳиши ин гурӯҳи муҳими вожаҳо шуморидан мумкин аст.

Ин нуктаҳо дар ҳамбастагӣ бо басомади вожаҳо дар «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон арзиши илмии диссертатсияро бештар месозанд.

Дар хулоса муаллифи нуктаҳои ҷолибе дар 12 банд пешниҳод намудааст. Аз ҷумла ӯ изҳор месозад, ки "Омонимҳо низ аз унсурҳои ҷолиб ва зеббахши забони асар мебошанд, ки қабати муайяни лексикиро ташкил дода, дар ифодаи фикр ва ҳамзамон номҳои мухталиф корбаст шудаанд (*ҷома*: 1. либос, 2.нақша; *бод*: 1.шамол; 2.будан; *рӯй*: 1.симо; чеҳра, рухсор; 2.филиз(з); *хост*: 1. хоҳиш кардан, ирода амудан, мақсад гузоштан; 2.хестан, баланд шудан; 3.пайдо шудан, бар мансаб омадан; *Ширин*: 1.антропоним; 2.сифат; *Ҷайҳун*: 1.топоним; 2.умуман рӯди бузург..." ва ғ. (дисс., с.168).

Муаллифи рисола аз сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳои назариявӣ босамар истифода бурда, андешаҳои худро бо руҷӯъ ба ақиадаҳои асили ин самт устувор кардааст.

Дар диссертатсияи мавриди баррасӣ дар раванди таҳқиқи илмӣ усулҳои диахронӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ ва усули таҳлилии таҳқиқи қиёсии лексика истифода шудааст. Ҳадафи корбурди ин усулҳо равшан кардани тамоюлҳои умумӣ ва таҳлили хусусиятҳои корбурди унсурҳои луғавии асари мазкур дар замони муаллиф ва давраи кунунии рушди забони адаби тоҷикӣ аст, ки ин нукта ба ин пажӯҳиш ҳусни тозае меафзояд.

Усулм таҳлили луғавӣ-маъноии вожаҳои асари Бакрон ба иловаи вижагиҳои вожашиносии ин асари нодир вазъи забони тоҷикиро дар як давраи мукаммал муайян хоҳад сохт.

Рисолаи диссертатсионии Қодирова Ф. таҳқиқоти муҳиму арзишманди илмиву амалӣ буда, дар забоншиносии тоҷик аввалин пажӯҳише аст, ки ба омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ-маъноии "Ҷаҳоннома"-и Муҳаммади Бакрон, таркиби лексикии ин асар, вижагиҳои истифодаи корбурди вожаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ дар асар, истифодаи воҳидҳои луғавии иқтибосӣ, мавқеи муродифот ва калимаҳои зидмаъно, истифодаи калимаҳои сермаъно ва ҳамгун, мавқеъ ва навъҳои номвожаҳо бахшида шудааст.

Муқаррароти назариявии кор барои муҳаққиқони таърихи забон, вожашиносӣ (лексикология) ва этнолингвистика муҳим арзёбӣ мешавад.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия, шеваи баён ва услуби нигориш гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Қодирова Фирӯза қобилияти хуби пажӯҳишгарӣ дошта, метавонад мустақилона таҳқиқоти илмӣ гузаронад ва вазифаҳои ҷиддии таҳқиқиро бо муваффақият иҷро намояд. Муоҳизаҳои асосии рисола дуруст муайян ва барои дифоъ пешниҳод гардидаанд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин дар матни диссертатсияи мазкур ва автореферати он хатогиҳои имлоиву услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Унвонҷӯй дар қатори калимаҳои иқтибосии арабӣ калимаи *мардумро* низ ворид кардааст (дис., с.44), ки шубҳаовар аст, зеро *мардум* вожаи сирф тоҷикӣ аст ба маънии "халқ, одамон, сокинон" ва дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ҳатто ба маънии танҳо – "кас, шахс, одам" низ ба кор рафтааст:

Ягон яке мардумам бе гурӯҳ... (Фирдавсӣ).

Ба ин монанд калимаи *бароҳима* низ этноним дониста шудааст, ҳол он ки ин вожа шакли ҷамъи *бараҳман* аст, ки ба уламо ё муллоёни дини ҳиндувӣ ишорат мекунад.

2. Дар номгузории баъзе фаслу бандҳо такрор ва пурбаёнӣ ба назар мерасад. Масалан, бандҳои "Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои соҳаи боғдорӣ, кишоварзӣ ва рустанӣ"-ро ба шакли "Калимаҳои соҳаи кишоварзӣ", "Калимаҳои ифодакунандаи номи ашё ва олоти гуногун"-ро (дисс., с.33-34) "Номи ашё ва олоти гуногун" гуфтан мумкин аст .

3. Дар рисола аз корҳои олимони саҳмдори ин соҳаи забоншиносии тоҷик Султонов М., Ҳаитова Ш., Саломиён М., Гулназарова Ж.Б. Хоркашев С., Мирзоев Ҳ., Саидов Ҳ., Давлатмирова М.Б., муаллифи ин тақриз ва чанде дигарон ёде нарафтааст, ки аз маҳдуд будани дараҷаи шиносоии унвонҷӯй ва номукаммал будани интихоби заминаҳои назариявии рисола шаҳодат медиҳад. Мутаассифона, ин гуна муносибат дар пажӯҳишҳои дигар олимони ҷавони мактаби лингвистии Хуҷанд низ ба мушоҳида мерасад.

Адабиёти мавриди мутолиа ва истифодаи унвонҷӯй низ бештар ба нимаи дуюми асри XX тааллуқ дорад.

4. Дар диссертатсия борҳо ба корҳои муҳаққиқон Фозилов, Д.Ф., Б.Қосимов, Д.Маюнусов истинод шудааст, ҳол он ки аз онҳо пештар низ олимон ба ҳалли ин гуна масъалаҳо машғул буданду ҷиҳатҳои назвариявии ин самтро ҳаллу фасл намудаанд. Яъне, муҳаққиқони ҷавон бояд шахсан шинос будан бо мутахассисонро дар ҷои аввал нагузоранд, балки дар дастгоҳи илмии диссертатсия ва тартиби истинод бояд принсипҳои аввалият ва муқаддам будан имтиёз дошта бошад.

5. Дар рисола гоҳе иштибоҳоти имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии диссертатсияро коста намесозанд. Унвонҷӯй вазифаҳои дар наздаш гузоштаро пурра ва босифат иҷро карда, ба ҳадафи пажӯҳиш расидааст.

Диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи "Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон" таҳқиқоти мукаммал буда, бо забони равон ва истилоҳоти пазируфтаи соҳа дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Диссертатсия бо натиҷаҳои асосии худ, аҳамияти назариявӣ ва амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (доктор PhD), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия ҚодироваФ.Р. ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

**Мудири кафедраи забони тоҷикии**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино",**
**доктори илмҳои филологӣ** **Қосимов О. Ҳ.**

**734003, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 139.**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино";**
**e-mail: olimjonk@yandex.ru**
«05» апрели с. 2021.

имзои/подпись Қосимов О.Ҳ.-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ УРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«05» 04 2021 с/г

**734003, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 139.**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино";**
**e-mail: kadr@tajmedun.tj;**
**тел.: 44 600 36 74**